*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷаҳони муосир воситаи муҳимми рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ маҳсуб мешавад. Бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастгирии соҳибкорӣ ва таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ, инчунин такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат гардидааст.

Воқеан, саҳми соҳибкорӣ дар таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ тавассути таъмини шуғли пурмаҳсул ва рушди истеҳсолоти ватанӣ назаррас мебошад, зеро ин намуди фаъолият ба навовариҳои илму техника, тағйироти тақозо ва вазъи бозори ҷаҳониву минтақавӣ мутобиқ шуда, барои ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва пешниҳоди хизматрасониҳои баландсифат заминаи муосид фароҳам меорад. Бинобар ин, таҳти сиёсати дурандешонаи Пешвои миллат Ҳукумати мамлакат пайваста ислоҳоти муҳимро дар самтҳои мухталиф, аз қабили содагардонии расмиёти бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, ҳимоя ва дастгирии соҳибкорону сармоягузорон, такмили низоми андозбандӣ, коҳиши санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ амалӣ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути амалисозии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо истифодаи самараноки сармояи субъектҳои соҳибкорӣ таҷрибаи беназиреро дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба даст овардааст. Ба андешаи мо, амалисозии чунин тадбир на танҳо соҳибкорону сармоягузоронро барои таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ ҳавасманд мекунад, балки ба рушди иқтисоди миллӣ ва афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ низ мусоидат менамояд. Ин ташаббус боиси баланд гардидани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва ташвиқи сармоягузории дохиливу хориҷӣ хоҳад шуд. Таъмини иҷрои чунин тадбирҳо тавассути такмили сиёсати андозӣ ва таъсиси шароити мусоид барои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок метавонад ба таҳкими иқтидори

саноатии кишвар ва расидан ба ҳадафҳои стратегии рушд саҳми назаррас гузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои охир рушди соҳибкорӣ ва дастгирии бахши хусусӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат муайян гардидааст. Дар ин замина, қабули стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди иқтисоди сабз аз таваҷҷуҳи ҷиддии давлат ба масъалаҳои мазкур шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, таҳлили вазъи муосир нишон медиҳад, ки дар самти ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ то ҳол як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз ҷумла маҳдуд будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, нокифоягии инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, истифодаи нопурраи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва сатҳи нисбатан пасти татбиқи технологияҳои рақамӣ боқӣ мондаанд. Бо амалисозии ин тадбирҳо, Ҳукумати кишвар намунаи муҳими ҳамкории самаранок байни давлат ва бахши хусусиро барои беҳтар намудани иштироки занон дар иқтисод пешниҳод намуда, ба рушди фарогир ва устувор мусоидат мекунад.

Дар шароити кунунӣ масъалаи омӯзиши амиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ аҳаммияти бештар касб менамояд. Зарурати мутобиқ намудани ин механизм ба талаботи рушди устувори иқтисодӣ, густариши иқтисоди рақамӣ ва татбиқи технологияҳои сабз тақозо менамояд, ки шаклу усулҳои нави ҳамкорӣ байни давлат ва бахши соҳибкорӣ таҳия ва амалӣ гарданд. Вобаста ба ин, мавзуи диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дорои аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ буда, аз нигоҳи замон ва талаботи рушди иқтисоди миллӣ хеле мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат менамояд. Таҳқиқот ба бандҳои зерин (1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ)-и шиносномаи мазкур мувофиқ аст.

Мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва муҳтавои таҳқиқот ба самти илмии интихобшуда пурра мувофиқат намуда, ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили механизми

ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ бахшида шудааст.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани роҳу усулҳои муосири такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ зоҳир мегардад. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди муносибатҳои давлат ва бахши хусусиро дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи принсипҳои иқтисоди сабз мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, ба натиҷаҳои нави илмӣ ноил гардидааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия асоснокшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, унсурҳои равшани навгонии илмиро дар бар мегиранд. Натиҷаҳои муҳими илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбанд:

1. Муаллиф равиши нави илмию методологии ҳамкории давлат ва бахши соҳибкориро пешниҳод намудааст, ки дар он чунин ҳамкорӣ ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ арзёбӣ мешавад. Дар ин замина нақши давлат ҳамчун ташаккулдиҳандаи муҳити институтсионалӣ ва бахши соҳибкорӣ ҳамчун манбаи рушди сармоягузорӣ ва инноватсияҳо асоснок гардидааст.
2. Дар асоси таҳлили вазъи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳо ва хусусиятҳои асосии рушди он муайян карда шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки сарфи назар аз рушди бахши хусусӣ, мавқеи асосиро соҳибкории хурд ва инфиродӣ ишғол менамояд, дар ҳоле ки маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва баланд будани фоизҳои қарзӣ рушди соҳибкории миёна ва калонро бозмедоранд.
3. Омилҳои асосии маҳдудкунандаи муҳити соҳибкорӣ муайян гардидаанд, ки ба онҳо нокифоя будани инфрасохтори дастгирӣ, маҳдудияти сарчашмаҳои молиявӣ ва сатҳи пасти дастрасӣ ба воситаҳои муосири хизматрасонӣ дохил мешаванд.
4. Самтҳои афзалиятноки такмили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ, ташкили платформаҳои рақамии ҳамкорӣ, рушди иқтисоди сабз ва истифодаи механизмҳои шарикии давлативу хусусӣ метавонанд самаранокии сиёсати давлатии дастгирии соҳибкориро баланд бардоранд.
5. Модели такмилёфтаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ таҳия гардидааст, ки ба ҳамгироии воситаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявии дастгирии соҳибкорӣ асос ёфтааст. Модели пешниҳодшуда ба рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ равона гардидааст.

6. Консепсияи муосири ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ пешниҳод шудааст, ки дар он муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамчун низоми ягонаи ҳамгиро баррасӣ гардида, мутобиқсозии механизми ҳамкорӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз пешбинӣ мешавад.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Қобили зикр аст, ки ҳадафи асосии таҳқиқот дар баррасии маҷмӯи муқарраароти назариявӣ, методологӣ ва ҷанбаҳои амалии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ ифода меёбад. Таҳқиқоти мазкур имконият фароҳам меорад, ки сатҳи кунунии ҳамкории мақомоти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ, хусусиятҳои ташаккули он, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкорӣ ҳамаҷониба муайян карда шаванд. Дар заминаи чунин таҳлил, асосҳои илмӣ барои пешниҳоди тадбирҳои муосири ислоҳотӣ, такмили сиёсати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ муҳайё мегарданд.

Бо мақсади расидан ба натиҷаҳои илмии асоснок ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот, дар ҷараёни анҷом додани диссертатсия маҷмӯи усулҳои муосири илмӣ ва таҳлилӣ истифода гардидаанд. Муаллиф аз усулҳои таҳлилу ҷамъбасти системавӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, таҳлили омилҳо, моделсозии иқтисодию риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои пешгӯии илмӣ васеъ истифода намудааст. Истифодаи чунин заминаи методологӣ имконият додааст, ки равандҳои вобаста ба рушди ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ аз чанд ҷанба таҳлил гардида, фаҳмиши мукаммал ва ҳамаҷонибаи механизми ҳамкории онҳо дар шароити рушди устувори иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.

Татбиқи усулҳои мазкур боис гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ бошанд, хулосаҳои илмӣ бо далелҳои мушаххас асоснок карда шаванд ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба талаботи илми иқтисод ва амалияи муосири идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқ бошанд. Эътимоднокии хулосаҳо инчунин бо истифодаи маълумоти расмии оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳибкорӣ, инчунин таҳлили таҷрибаи байналмилалии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ таъмин карда шудааст.

Дар ин замина, таҳқиқот на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалӣ низ дорад, зеро самтҳои такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бо дарназардошти воқеияти иқтисоди миллӣ, талаботи рушди устувори иқтисодӣ, равандҳои рақамикунонӣ ва рушди иқтисоди сабз муайян гардидаанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар такмили сиёсати давлатӣ, таҳияи барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ, рушди шарикии давлативу хусусӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Қайд кардан зарур аст, ки хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф метавонанд ба такомул додани асосҳои назариявӣ ва беҳтар намудани механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ саҳми назаррас гузоранд. Дастовардҳои илмии ин таҳқиқот имконият медиҳанд, ки равандҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳамкории давлат дар минтақаҳои гуногун самараноктар гардида, сатҳи дастгирии молиявии онҳо баланд бардошта шавад.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳияшуда метавонанд ба таври васеъ дар низоми таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ татбиқ гарданд. Онҳо барои такмили равандҳои таълимӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ ва омӯзонидани курсҳои махсус оид ба соҳибкорӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, соҳибкории хурд ва дигар самтҳои марбут заминаи муҳим фароҳам меоранд.

Аҳамияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва методологии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ таҳия ва такмил дода шудаанд. Муаллиф равиши нави илмию методии ҳамкории мақомоти давлатӣ ва бахши хусусиро пешниҳод намуда, ҳамкории онҳоро ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ арзёбӣ менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди назарияи соҳибкорӣ, такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва таҳкими асосҳои институтсионалии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ аҳаммияти муҳим доранд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии диссертатсия метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самти рушди соҳибкорӣ, иқтисоди сабз, рақамикунонии иқтисодиёт ва шарикии давлативу хусусӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои таҳияшуда ба такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи дастгирии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ равона шудаанд. Дар асоси таҳлилҳои анҷомдодашуда самтҳои асосии такмили муҳити соҳибкорӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ, ташкили платформаҳои рақамии ҳамкорӣ ва густариши механизмҳои шарикии давлативу хусусӣ муайян гардидаанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, вазорату идораҳои марбута, сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ ва субъектҳои бахши хусусӣ ҳангоми таҳияи стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ-иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи модели пешниҳодшудаи такмили механизми ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ метавонад барои фароҳамсозии муҳити мусоиди соҳибкорӣ, рушди сармоягузорӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Тадбирҳои пешниҳодгардида ба беҳтар намудани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои молиявӣ, рушди соҳибкории инноватсионӣ, дастгирии иқтисоди сабз ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо равона гардидаанд.

Дар натиҷа, имконият фароҳам меояд, ки рушди устувори иқтисодӣ таъмин гардида, саҳми бахши хусусӣ дар рушди иқтисоди миллӣ бештар гардад. Аҳамияти иҷтимоӣ - такмили механизми ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, рушди шарикии давлативу хусусӣ ва татбиқи технологияҳои муосир метавонанд барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ, марказҳои дастгирии соҳибкорӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд. Инчунин, маводи таҳқиқот метавонад дар раванди таълими фанҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ, идоракунии давлатӣ ва иқтисоди рақамӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ мавриди истифода қарор гирад.

Сохтори кори диссертатсия, гузориши мақсад ва алоқамандии мантиқии онҳоро тасдиқ мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, дар 176 саҳифа, 18 ҷадвал, 10 расм ва 2 диаграмма оварда шудааст.

## 6. Мазмуни кори диссертатсионӣ

Дар бахши муқаддима муҳимияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян шудаанд. Ҳамчунин, объекти таҳқиқ, предмети он ва фарзияи илмӣ мушаххас карда шуда, асосҳои назариявию методологӣ ва манбаъҳои маълумоти оварда шудаанд. Навгонии илмии тадқиқот, нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо баён карда шудаанд. Мутобиқати кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқот, натиҷаҳои татбиқшуда ва мақолаҳои илмии вобаста ба мавзуъ низ инъикос ёфтаанд. Илова ба ин, сохтор ва ҳаҷми умумии диссертатсия низ нишон дода шудааст (с. 3-14).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои илмию назариявии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» (саҳ. 15-62) масъалаҳои илмӣ-назариявии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ, нақши танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусӣ асоснок гардида, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун модели муосири ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия моҳияти мафҳуми «рушди устувор» ҳамчун низоми ҳамгирои унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосҳои назариявии он дар заминаи таҳлилҳои илмии олимони ватанӣ

ва хориҷӣ баррасӣ шудаанд (с, 15-18). Инчунин, дар таҳқиқот муаллиф нақши давлатро ҳамчун субъекти танзимкунандаи иқтисодиёт ва ташаккулдиҳандаи муҳити институтсионалии рушди соҳибкорӣ муайян намуда, ҳамзамон вазифа ва аҳаммияти бахши хусусиро дар ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи инноватсияҳо ва рушди иқтисоди миллӣ асоснок намудааст (с, 26-28). Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ хулоса карда шудааст, ки такмили механизмҳои ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ бояд бо дарназардошти талаботи иқтисоди рақамӣ, рушди иқтисоди сабз ва татбиқи принсипҳои ESG амалӣ карда шавад (с, 31)

Дар диссертатсия нақши танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки танзими давлатӣ яке аз омилҳои асосии ташаккули муҳити устувори иқтисодӣ ва рушди соҳибкорӣ мебошад (с, 42), инчунин, самтҳои асосии дастгирии давлатӣ (молиявӣ, институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва машваратӣ) ва инчунин роҳҳои такмили он пешниҳод гардидаанд, ки аҳаммияти амалии таҳқиқотро баланд мебардорад (с, 53).

Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз воситаҳои муҳими таъмини рушди устувор мебошад. Ин андеша бо он асоснок мегардад, ки танҳо ҳамгироии захираҳои давлатӣ ва имкониятҳои бахши хусусӣ метавонад тавозуни сеҷонибаи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро таъмин намояд. Дар шароити маҳдудияти буҷетӣ ин механизм имконият медиҳад, ки лоиҳаҳои стратегӣ бидуни фишори зиёди молиявӣ амалӣ шаванд (с, 58). Яке аз андешаҳои муҳим ин аст, ки механизми бозорӣ ва механизми давлатӣ дар алоҳидагӣ барои рушди устувор кофӣ нестанд. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки ШДБХ ҳамчун шакли синергетикӣ ин ду механизмро муттаҳид месозад. Ин нуқта бо таҷрибаи байналмилалӣ мувофиқ аст, зеро дар бисёр кишварҳо лоиҳаҳои инфрасохторӣ маҳз тавассути чунин ҳамгироӣ самаранок амалӣ мегарданд (с, 60).

Ҳамчунин муаллиф дар қисмати назариявӣ ба таври асоснок зарурати ворид намудани технологияҳои рақамӣ ва принсипҳои экологиро ба механизми ШДБХ таъкид мекунад. Ин фикр бо тамоюлҳои ҷаҳонии иқтисоди муосир мувофиқ аст, зеро рақамикунонӣ самаранокиро баланд бардошта, "иқтисоди сабз" бошад, рушди дарозмуддат ва устуворро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, ШДБХ на танҳо воситаи иқтисодӣ, балки механизми инноватсионӣ низ мегардад (с, 61).

Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи муосири рушд ва ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ» аз ҷониби муаллиф нақши ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ, рушди низоми молиявӣ ва шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун омили таъмини устувории соҳибкорӣ таҳлили гардида, инчунин, таҷрибаи ҷаҳонии ҳамкории самараноки давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ баҳо дода шудааст (саҳ. 62-110).

Муаллиф дар таҳқиқот таҳлили муфассал анҷом дода, қайд мекунад, ки арзёбии вазъи рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар солҳои охир ин соҳа ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ на танҳо манбаи муҳими афзоиши истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад, балки дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими устувории иқтисоди миллӣ низ нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, рушди он ҳамчун ҳадафи стратегии давлат пазируфта шуда, барои беҳтарсозии фазои соҳибкорӣ як қатор ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ амалӣ гардида истодаанд (с, 71).

Муаллиф дар саҳифаҳои 81-85 диссертатсия нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2020-2024 тамоюли мусбати афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидор мушоҳида мешавад. Ин раванд аз як тараф, натиҷаи ислоҳоти қонунгузорӣ, соддагардонии тартиби бақайдгирӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ мебошад ва аз ҷониби дигар, аз афзоиши фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Яке аз ҷанбаҳои муҳими рушди соҳибкорӣ тағйироти дохилии шаклҳои он мебошад. Дар ин замина, афзоиши хоҷагиҳои деҳқонӣ ва пайдоиши шаклҳои нави бақайдгирӣ, ҳамзамон коҳиши истифодаи низоми патентӣ, аз мутобиқшавии низоми соҳибкорӣ ба ислоҳоти институтсионалӣ шаҳодат медиҳад. Ин раванд нишон медиҳад, ки иқтисод тадриҷан ба шаклҳои мураттабтар ва расмитар гузариш мекунад.

Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян шудааст, ки фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати беҳбудӣ қарор дорад ва ислоҳоти амалишаванда натиҷаҳои мусбат ба бор оварда истодаанд. Бо вуҷуди ин, барои таъмини рушди устувор зарур аст, ки дастрасӣ ба маблағгузорӣ беҳтар карда шавад, низоми дастгирии давлатӣ самараноктар гардад ва имкониятҳои рушди корхонаҳои миёна ва калон васеъ карда шаванд. Танҳо дар чунин шароит соҳибкорӣ метавонад ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисоди миллӣ нақши пурраи худро иҷро намояд.

Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои сабз, беҳтарсозии муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, илова бар ин, такмили механизмҳои иқтисодӣ ва молиявии ҳавасмандгардонии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди устувор пешниҳод шудааст (саҳ. 111 - 155).

Муаллиф дар диссертатсия таъкид мекунад, ки шарикии давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба модели рушди устувор аҳамияти стратегӣ касб мекунад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои электронии хизматрасонӣ ва механизмҳои инноватсионии идоракунӣ имконият фароҳам меоранд, ки шаффофият баланд гардида, монеаҳои маъмурӣ коҳиш ёбанд ва самаранокии

татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ афзоиш ёбад. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани технологияҳои сабз ба беҳтар гардидани вазъи экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мусоидат менамояд (с, 126).

Инчунин, дар таҳқиқот зарурати такмили низоми институтсионалӣ, тақсими самараноки хавфҳо, ҷалби бахши хусусӣ ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, энергетика, нақлиёт, идоракунии партовҳо ва рушди иқтисоди рақамӣ асоснок карда шудааст (с, 135). Пешниҳодҳои муаллиф оид ба рушди инфрасохтори рақамӣ, энергетикаи барқароршаванда ва сохтмони сабз дорои аҳамияти амалӣ буда, метавонанд ба ҷалби сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат намоянд.

Дар саҳифаи 145 диссератсия ба таври асоснок нишон дода шудааст, ки рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи такомули муҳити институтсионалӣ ва сифати инфрасохтори дастгирӣ вобаста мебошад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, инфрасохтори молиявӣ, инноватсионӣ ва рақамӣ шарти муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Илова бар ин, муаллиф дар диссертатсия ба таври возеҳ асоснок кардааст, ки дар шароити гузариши рақамии иқтисодиёт рушди инфрасохтори рақамии соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани платформаҳои ягонаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ҳамзамон пешниҳод мегардад, ки ташаккули низоми ҳамгироишудаи инфрасохторӣ молиявӣ, инноватсионӣ, таълимӣ ва рақамӣ метавонад монеаҳои маъмуриро коҳиш дода, самаранокии дастгирии соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузориро баланд бардорад (с, 149).

Дар таҳқиқот зарурати ташаккули низоми мукаммали механизмҳои иқтисодӣ ва молиявӣ асоснок карда шудааст, ки ба рушди ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, таъкид мегардад, ки истифодаи воситаҳои андозӣ (имтиёзҳо ва низомҳои махсус), субсидияҳо, қарздиҳии имтиёзнок, фондҳои кафолатӣ ва механизмҳои ШДБХ метавонад барои коҳиши хавфҳои молиявӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкории инноватсионӣ заминаи устувор фароҳам оварад. Ин равиш ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар шароити рушди устувор мусоидат менамояд (с, 152).

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аҳамияти махсус ба рушди воситаҳои «молияи сабз» ва механизмҳои шарикии давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ додааст. Пешниҳод мегардад, ки барориши вомбаргҳои сабз, таъсиси фондҳои махсуси экологӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ба лоиҳаҳои энергетикаи барқароршаванда, коркарди партовҳо ва инфрасохтори сабз васеъ карда шаванд. Ин тадбирҳо на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва коҳиши таъсири экологӣ мусоидат мекунанд, балки барои ташаккули ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳибкории устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муҳим фароҳам меоранд (с, 153).

## 7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои

**такризшавандаи илмӣ**

Дар асоси таҳлили маълумоти мавҷуда муайян мегардад, ки натиҷаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии такризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расидаанд. Ҳамчунин 7 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводҳои конференсияҳо чоп шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таълифоти муаллиф ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ комилан мутобиқ мебошад.

## 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Зикр кардан муҳим аст, ки автореферати диссертатсия пурра мазмун ва муҳтавои кори илмиро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

## 9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Умуман, аз ҷиҳати аҳамияти илмӣ ба диссертатсияи мазкур баҳои мусбат дода мешавад. Аммо дар баробари комёбиҳои назаррас дар диссертатсия чунин норасой ва ҳолатҳои баҳсталаб ба назар мерасанд:

1. Масъалаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар заминаи рушди устувор дар диссертатсия хеле васеъ ва бо истифода аз манбаъҳои назариявии гуногун баррасӣ гардидааст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф хулосаҳои назариявиро бо мисолҳои мушаххаси институтсионалӣ, барномаҳои давлатӣ ё таҷрибаи амалии кишвар пайваст менамуд, то сатҳи асоснокии илмӣ ва амалӣ боз ҳам баланд гардад.
2. Дар диссертатсия мавқеи давлат ҳамчун танзимгар ва ҳамзамон иштирокчии фаъоли равандҳои иқтисодӣ дуруст нишон дода шудааст, аммо ҷанбаи методологии таҳлил, яъне чӣ гуна самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ бояд арзёбӣ карда шавад, ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.
3. Сарфи назар аз таҳлили васеи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявӣ дар фасли 2 диссертатсия, таъсири мустақими рушди низоми молиявӣ ба самаранокии фаъолияти субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ ва натиҷаҳои иқтисодии онҳо ба таври кофӣ бо усулҳои иқтисодӣ-математикӣ асоснок карда нашудааст.
4. Дар таҳқиқот модели муаллифии инфрасохтори институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Тавсия дода мешавад, ки барои тақвияти аҳамияти амалии рисола

механизми татбиқи модел дар шароити ҷумҳурӣ, аз ҷумла марҳилаҳои амалисозӣ, низоми мониторинг ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии натиҷабахшӣ муфассалтар асоснок карда шаванд

5. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати техникии корро боз ҳам беҳтар менамуд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 5. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсия дар мавзуи "Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) кори илмии баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй ва муаллифи он – Асрорзода Абдулло Саттор сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки ДДТТ
номзади илмҳои иқтисодӣ — Сафаров Ҷ.А

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: 934444857
e-mail: jonik.8877@mail.ru

*Имзои н.и.и. Сафаров Ҷ.А.–ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН • ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ • ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС • ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ